**ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ**
**ба диссертатсияи Таваров Дилшодҷон Саидмуродович дар мавзуи «Раванди ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ дар шароити муосир (таҷрибаи Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияи сиёсӣ. – Бохтар, 2025. – 180 с.**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ ва муҳтавои диссертатсияи Таваров Дилшодҷон Саидмуродович дар мавзуи «Раванди ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ дар шароити муосир (таҷрибаи Тоҷикистон)» ба шиносномаи ихтисоси илмии 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ мутобиқат дорад. Дар банди 6-уми шиносномаи ихтисоси мазкур омӯзиши ҷомеаи иттилоотӣ, бахусус афзоиши нақши иттилоот дар ҷомеаи муосир пешбинӣ гардидааст. Муҳтавои таҳқиқоти диссертатсионӣ низ масъалаҳои афзоиши нақши иттилоот дар ҷомеаи муосирро дар бар мегирад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Дар шароити тағйирёбии фазои иттилоотии ҷомеа, бахусус дар шароите, ки иттилоот манбаи асосии рушди иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ мегардад, ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ яке аз вазифаҳои афзалиятнок барои давлатҳои замони муосир мебошад. Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади ба амал баровардани рушди устувор ва ҳамгироӣ ба ҷомеаи ҷаҳонӣ барои тавсеаи истифодаи василаҳои иттилоотӣ қадамҳои устувор мегузорад. Бо назардошти ин, мубрамии таҳқиқи раванди ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо як қатор омилҳо вобаста аст. Якум, ҷомеаи иттилоотӣ дар баланд бардоштани сифати зиндагии аҳолӣ нақши муҳим мебозад. Густариши дастрасӣ ба маориф, тандурустӣ, хизматрасониҳои давлатӣ ва арзишҳои фарҳангӣ тавассути технологияҳои иттилоотӣ ба баланд бардоштани сатҳи саводнокӣ, беҳбуди саломатӣ ва некӯаҳволии шаҳрвандон, таҳкими ҳамбастагии иҷтимоӣ мусоидат мекунад. Дуюм, ҷомеаи иттилоотӣ воситаи муҳим барои таҳкими демократия ва рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ мебошад. Таъмини дастрасӣ ба иттилоот ва имконияти иштирок дар ҳаёти ҷамъиятӣ ба баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ, пурзӯр намудани назорати ҷамъиятӣ ва рушди ташаббусҳои шаҳрвандӣ мусоидат менамояд. Сеюм, Ҷумҳурии Тоҷикистон бо як қатор таҳдидҳои мушаххас вобаста ба ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ рӯ ба рӯ мешавад. Ба онҳо дохил мешаванд: дастрасии маҳдуд ба технологияҳои муосири иттилоотӣ, сатҳи пасти саводнокии рақамии аҳолӣ, рушди нокифояи инфрасохтори телекоммуникатсионӣ, сатҳи баланди фарқияти

рақамӣ байни шаҳр ва деҳот ва таҳдидҳо ба амнияти иттилоотӣ. Ҳамин тариқ, таҳқиқи раванди ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ дар Тоҷикистон вазифаи муҳим ва саривақтиест, ки омӯзиши паҳлуҳои гуногуни он ба рушди устувори кишвар, баланд бардоштани сифати зиндагии аҳолӣ ва таҳкими мавқеи он дар ҷомеаи ҷаҳонӣ мусоидат хоҳад кард.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Дар таҳқиқоти муаллиф хусусиятҳои ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шудааст, ки шароити хоси иҷтимоию иқтисодӣ, фарҳангӣ ва сиёсии онро дар бар мегирад. Баръакси равишҳои мавҷуда, таҳлилу натиҷагириҳои муаллиф ба зарурати бартараф кардани нобаробарии рақамӣ, рушди системаи миллии инноватсионӣ ва таҳкими амнияти иттилоотӣ ишора менамоянд. Омилҳои асосие, ки ба ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ дар Тоҷикистон таъсир мерасонанд, аз ҷумла сатҳи рушди инфрасохтори ТИК, саводнокии компютерии аҳолӣ, заминаи меъёрию ҳуқуқӣ, муҳити институтсионалӣ ва хусусиятҳои фарҳангӣ муайян ва ба низом дароварда шудаанд. Арзёбии ҳамаҷонибаи таъсири иттилоотӣ ба соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ, аз ҷумла иқтисодиёт, маориф, тандурустӣ ва идоракунии давлатӣ гузаронида шудааст. Бори аввал нишондиҳандаҳои миқдорие, ки самаранокии истифодаи ТИК-ро дар ин соҳаҳо нишон медиҳанд, муайян карда шудаанд. Механизми мониторинг ва баҳодиҳии самаранокии татбиқи стратегияи ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ дар Тоҷикистон, ки ба истифодаи системаи нишондиҳандаҳои асосии самаранокӣ асос ёфтааст, пешниҳод карда шудаанд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.** Асоснокии хулосаҳои таҳқиқот, пеш аз ҳама, бо сатҳи баланди маводи эмпирикӣ ва сарчашмаҳои назариявии истифодашуда алоқаманд мебошад. Дар диссертатсияи мазкур консепсияҳои классикии ҷомеаи иттилоотӣ баррасӣ гардида, доираи васеи адабиёти илмии бо мавзӯъ алоқаманд мавриди таҳлил қарор дода шудаанд. Дар заминаи таҳлили консепсияҳои мазкур ва дар асоси омӯзиши адабиёти илмӣ муаллиф моҳияти ҷомеаи иттилоотиро нишон дода, зарурият ва муҳиммияти ташаккулдиҳии ин навъи ҷомеаро асоснок намудааст. Хулосаҳои муаллиф вобаста ба заминаҳои ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ хеле аҳамиятнок мебошанд. Дар алоқамандии ин дар таҳқиқоти мазкур шарту шароити таъмин намудани рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва истифодаи самараноки онҳо дар соҳаҳои гуногуни мамлакат нишон дода шудаанд. Инчунин муаллиф дар асоси омӯзиши таҷрибаи давлатҳои пешрафтаи олам сиёсати иттилоотонии кишварҳои пешрафтаро ҳамчун

таҷрибаи пешқадам муаррифӣ намуда, дар хулосаҳои худ истифодабарии таҷрибаи давлатҳои мазкурро асоснок намудааст.

Муаллиф дар заминаи таҳлилҳои илмӣ ба таҷрибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон таваҷҷуҳ зоҳир намуда, раванди ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотии мамлакатро баррасӣ менамояд. Дар ин раванд, пеш аз ҳама, муваффақиятҳои давлату ҳукумат дар самти ташаккулдиҳии ҷомеаи иттилоотӣ нишон дода шудаанд. Аммо дар радифи муваффақиятҳо инчунин камбудию норасоиҳо низ баррасӣ мегардад. Муаллиф барои бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта, пешниҳод менамояд, ки бо мақсади хубтару беҳтар таъмин намудани рушди ҷомеаи иттилоотии мамлакат монеаҳои дар ин самт мавҷуда ҳарчи зудтар бартараф карда шаванд. Ба сифати чунин монеаҳо чунин мушкилот ва камбудиҳо номбар гардидаанд: норасоии мутахассисони соҳаи технологияҳои иттилоотӣ, дар сатҳи паст қарор доштани истифодабарии технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, арзиши баланди нархи интернет ва суръати пасти он дар мамлакат, то ҳанӯз мавҷуд набудани системаҳои иттилоотии соҳавӣ ва ғайраҳо.

Дар маҷмӯъ, таҳқиқоти мазкур дар заминаи таҳлили адабиёти илмӣ ва омӯзиши равандҳои сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода шуда, дар он нисбат ба рушди ҷомеаи иттилоотии мамлакат хулосаҳои илман асоснокшуда баён гардидаанд. Бинобар ин, таҳқиқоти мазкур, пеш аз ҳама, дар шароити Тоҷикистон барои таҳқиқоти минбаъдаи ҷомеаи иттилоотӣ ва рушду инкишофи он заминаи илмию назариявӣ ба шумор меравад. Инчунин, дар асоси таҳлилу таҳқиқи консепсияҳои илмӣ зарурати ташаккулдиҳии ҷомеаи иттилоотӣ нишон дода шудааст, ки он барои асоснок намудани дурустии стратегияҳои давлатӣ ва сиёсати иттилоотонии мамлакат аҳамиятнок мебошад.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Диссертатсияи Таваров Дилшодҷон Саидмуродович аз муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, се боб, шаш зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад. Дар муқаддимаи диссертатсия мубрамии мавзуи таҳқиқот, сатҳи омӯзиши мавзуи илмӣ ва робитаи таҳқиқот бо мавзуъҳои илмӣ нишон дода шудааст. Дар тавсифи умумии таҳқиқот ҳадафу вазифаҳо, объекту предмети таҳқиқ, навгониҳои илмӣ, аҳамияти амалии натиҷаҳои бадастовардашуда муайян гардидаанд. Тартиби таҳия ва ҷобаҷогузории бобҳои диссертатсия мантиқи худро доранд. Дар раванди таҳияи сохтори диссертатсия истифодаи методи индуксия ва дедуксия ба назар мерасад. Таҳлили мундариҷаи таҳқиқот нишон медиҳад, ки боби аввал ба омӯзиши масъалаи умумӣ бахшида шуда,

дар боби дуюм аллакай омӯзиши масъалаи мушаххас оғоз меёбад ва дар боби сеюм дар мисоли таҷрибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон боз ба омӯзиши масъалаи умумӣ баргашта мешавад. Чунин тарзи кор ба муаллиф имкон додааст, ки дар омӯзиши ин масъала, пеш аз ҳама, дар самти амалигардонии мақсади таҳқиқот ба муваффақият ноил гардад.

Дар маҷмуъ, дар боби аввали диссертатсия ҷанбаҳои назариявию методологии ҷомеаи иттилоотӣ баррасӣ гардида, дар заминаи таҳлили консепсияҳои классикӣ ва омӯзиши адабиёти илмӣ мафҳум, моҳият ва мундариҷаи ин навъи ҷомеа нишон дода шудааст. Инчунин дар боби мазкур заминаҳои ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ баррасӣ гардида, хусусиятҳои муҳимми ин раванд нишон дода шудааст.

Дар боби дуюми диссертатсия омилҳои сиёсии ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ матраҳ гардида, дар он сиёсати иттилоотонии давлат, нақши давлат дар ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ ва амалигардонии барномаҳо ва стратегияҳои давлатӣ баррасӣ гардидаанд. Дар доираи ин боб муаллиф нишонаҳои асосии ҳукумати электрониро муаррифӣ карда, самаранокии истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар раванди идоракунии давлатиро муайян намудааст.

Дар боби сеюми диссертатсия бевосита раванди ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Дар ин боб раванди ташаккулёбии инфрасохтори иттилоотӣ ва заминаҳои пайдоиш ва рушду инкишофи ҷомеаи иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дода шудаанд. Инчунин мушкилоте, ки дар самти ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон монеа эҷод мекунанд, муайян карда шуда, дар асоси онҳо дурнамои рушди ҷомеаи иттилоотӣ пешниҳод гардидааст.

Дар хулосаи диссертатсия натиҷаҳои таҳқиқот ҷамъбаст гардида, тавсияҳои амалӣ оид ба истифодаи натиҷаҳои таҳқиқот пешниҳод шудаанд.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии диссертатсия.** Диссертатсияи мазкур аҳамияти баланди илмӣ дорад, зеро дар он бори аввал раванди ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти хусусиятҳои хоси иҷтимоию иқтисодӣ, фарҳангӣ ва сиёсии кишвар ба таври мукаммал таҳқиқ карда мешавад. Дар кори илмии довталаб таҳлили амиқи асосҳои назариявӣ ва методологии ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ гузаронида мешавад, омилҳои асосии муайянкунандаи тағйирёбии он ва дурнамои рушди ҷомеаи иттилоотӣ дар шароити муосир ошкор карда мешаванд. Натиҷаҳои таҳқиқот имкон медиҳанд, ки тасаввуроти назариявӣ дар бораи қонуниятҳо ва хусусиятҳои ташаккули

ҷомеаи иттилоотӣ дар кишварҳои дорои иқтисоди гузариш васеъ ва амиқтар карда шаванд, инчунин тавсияҳои аз ҷиҳати илмӣ асоснок барои мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва раванди идоракунӣ, ки ба баланд бардоштани самаранокии татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи иттилоотӣ ва рушди рақамӣ нигаронида шудаанд, таҳия карда шаванд.

Аҳамияти амалии таҳқиқот аз он иборат аст, ки натиҷаҳои кори илмии довталаб барои ҳалли масъалаҳои мубрами Тоҷикистон дар раванди ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ истифода шаванд. Пешниҳодҳои муаллиф оид ба рушди инфрасохтори ТИК метавонанд дар таҳияи барномаҳо ва лоиҳаҳои давлатӣ, ки ба навсозии шабакаҳои телекоммуникатсионӣ ва васеъ кардани дастрасӣ ба интернети фарохмаҷро равона шудаанд, ба назар гирифта шаванд. Тавсияҳои муаллиф оид ба таъмини амнияти иттилоотӣ метавонанд дар таҳия ва татбиқи тадбирҳо оид ба ҳифзи захираҳои иттилоотӣ ва инфрасохтори муҳим истифода шаванд. Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ инчунин метавонанд дар раванди таълимии муассисаҳои таҳсилоти олӣ ҳангоми тайёр кардани мутахассисон дар соҳаи технологияҳои иттилоотӣ, идоракунии давлатӣ ва иқтисоди рақамӣ истифода шаванд.

Ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ омили муҳимми рушди иқтисодӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии кишвар мебошад. Дар диссертатсияи мазкур аҳамияти иқтисодии рушди ТИК барои Тоҷикистон асоснок карда шудааст. Дар таҳқиқот муайян гардидааст, ки рушди ТИК ба баланд бардоштани самаранокии меҳнат, кам кардани хароҷоти муомилот ва беҳтаргардонии равандҳои тиҷорат мусоидат мекунад. Ҳукумати электронӣ самаранокии идоракунии давлатиро баланд мебардорад, талафоти вақтро коҳиш медиҳад ва сифати хизматрасониҳои давлатиро беҳтар мекунад. Дар диссертатсия арзёбии мушаххаси таъсири иқтисодӣ аз татбиқи чорабиниҳои гуногун дар соҳаи иттилоотӣ ва рушди рақамӣ оварда шудааст. Ин имкон медиҳад, ки сармоягузорӣ ба ТИК асоснок карда шавад ва самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ дар ин соҳа муайян гарданд.

Дар диссертатсия зарурати ба назар гирифтани ҷанбаҳои иҷтимоӣ дар ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ, аз қабили ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон дар муҳити рақамӣ, мубориза бо киберҷинояткорӣ ва пешгирии паҳн кардани маълумоти бардурӯғ, таъмини амнияти иттилоотӣ таъкид мегардад. Хулоса, таҳқиқоти мазкур раванди ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ дар Тоҷикистон ба таври амиқ омӯхта шуда, дорои аҳамияти баланди илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ мебошад. Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд барои таҳия ва татбиқи сиёсати самараноки давлатӣ дар соҳаи

иттилоотӣ ва рушди рақамӣ, ки ба баланд бардоштани рақобатпазирии кишвар, беҳтар кардани сифати зиндагии шаҳрвандон ва таъмини рушди устувор равона шудаанд, истифода шаванд.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Вобаста ба мавзуи таҳқиқот муаллифи диссертатсия шаш мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда чоп намудааст. Инчунин муаллиф натиҷаҳои таҳқиқоти худро дар ду конференсияи ҷумҳуриявию байналмилалӣ маърӯза намудааст. Интишороти довталаб ба талаботи бандҳои 34-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.06.2023, №295) тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи довталаби дараҷаи илмӣ бо риояи муқаррароти Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводди илмӣ, ки бо қарори Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024, №493 тасдиқ гардидааст, ба расмият дароварда шудааст.

Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.06.2023, №295) тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Дар таҳқиқоти мазкур дар баробари муваффақиятҳои муаллиф ва дар баробари паҳлуҳои мусбати диссертатсияи ӯ, инчунин баъзе норасоиҳо низ ба назар мерасанд, ки онҳоро ба таври зерин нишон додан мумкин аст:

1.Хуб мебуд агар дар раванди таҳқиқот назарсанҷӣ анҷом дода мешуд ва натиҷаҳои он дар диссертатсияи мазкур истифода мегардид. Ба андешаи мо, истифодаи натиҷаҳои назарсанҷӣ эътимоднокии хулосаҳои диссертатсияро боз ҳам баландтар менамуд.

2.Дар таҳқиқоти мазкур аз чи сабаб бошад, ки ба масъалаи амнияти иттилоотӣ таваҷҷуҳи камтар дода шудааст. Ба андешаи мо, ба омӯзиши ин масъала низ як зербоби алоҳида бояд бахшида мешуд.

3.Дар заминаи истифоданамоии технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ пешниҳод гардидани хизматрасониҳои давлатӣ ба таври равшан ва амиқу дақиқ нишон дода нашудааст. Хуб мебуд, агар муаллиф ин навъи хизматрасониҳоро каме муфассал номбар менамуд.

Эродҳо ва камбудиҳои зикршуда, дар маҷмуъ, аҳамияти назариявию амалии диссертатсияи мазкурро коста намекунанд ва ба муҳтавои кор таъсири манфӣ намерасонанд. Зеро натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур мустақилона аз ҷониби муаллиф ба даст оварда шудаанд, кори илмӣ дорои навгониҳои назаррас мебошад, хулосаҳо ва тавсияҳои муаллиф асоснок ва боэътимоданд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Таваров Дилшодҷон Саидмуродович дар мавзуи «Раванди ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ дар шароити муосир (таҷрибаи Тоҷикистон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ пешниҳод гардидааст, дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расида, ба талаботи бандҳои 31 ва 33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.06.2023, №295) тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси номбаргардида мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
Номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент,
мудири кафедраи фанҳои ҷамъиятии
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес
ва сиёсати Тоҷикистон /____________/ Саидзода Ш.Ш.

09.06.2025

Имзои номзади илмҳои сиёсӣ,
дотсент Саидзода Ш.Ш.-ро тасдиқ менамоям.
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон
Бобоев А.Х. ____________________

09.06.2025

Суроғаи муқарриз:
735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Хуҷанд, маҳаллаи 17, хонаи 1
Тел.: +992 9388866
E-mail: shuhratst@mail.ru